## ТАҚРИЗ

**ба автореферат ва диссертатсияи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи "Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва психология пешниҳод гардидааст.**

Бар ҳақ кулли олимони соҳаҳои гуногун, асри XXI-ро асри пешрафти технологияҳои инноватсионӣ маҳсуб медонанд. Вобаста ба ин, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар тамоми ҷаҳон талабот нисбат ба мутахассисони донандаи технологияҳои инноватсионӣ – комуникатсионӣ афзуда истодааст. Аз ин рӯ, дар фаъолияти касбӣ ва омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ бо истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим ҷои асосиро ишғол кардааст.

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷода Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафти соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тахмини самаранокии фаъолияти омӯзгорони макотиби олӣ ва такмили малакаҳои педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ гардонида истодаанд.

Мавзӯи интихобнамудаи диссертант Ахмедова М.Ф. таҳти унвони **«Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим»** ба таҳқиқи муҳимтарини самтҳои педагогӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти муҳими илмӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ва раванди ташаккули он дар рафти таълим солҳои зиёд аст, ки диққати мутафаккирон, олимон ва педагогҳои мамлакатҳои мухталифро ба худ ҷалб мекунад. Сабаби шавқу рағбат ба ин мавзӯъ, ба фикри мо, ҷидду

ҷаҳди таҳияи назарияи ташаккули тайёрии касбӣ мебошад. Айни замон як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ташаккули шахсият бояд чун раванди алоҳида ҷудогона (намуди фаъолият), чун мақсади ягонаи таҳқиқи илмӣ баррасӣ шавад. Ба муносибатҳои илмии мазкур такя намуда, мо ба хулоса омадем, ки ташаккули шахсиятро бо раванди таълими омӯзгорони макотиби олӣ алоқаманд кардан мумкин ва зарур аст.

Диссертант Ахмедова М.Ф. навгонии илмии таҳқиқотро дар он нишон додааст, ки мушаххас намудани мафҳуми «технологияи инноватсионии таълим», таҳияи амсила самаранокии раванди омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим аз рӯи меъёру нишондиҳандаҳои мувофиқ, муайян кардани шароитҳои ташкилию педагогии омода намудани омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим, мафҳуми «муҳити мутобиқшавӣ»-ро ҷорӣ намуда, зарурати истифодаи муҳити мутобиқшавӣ дар баландбардоштани самаранокии раванди омодасозии омӯзгори макотиби олӣ ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим асоснок карда шудааст.

Инчунин ба фикри муаллиф, бозсозии ҷамъиятиии шаҳрвандӣ дар мамлакати дилхоҳ боиси зуҳури масоиле мегардад, ки қаблан ниҳон буданд. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар давраи гузариш масъалаҳои сершумор, аз ҷумла дар соҳаи макотиби олӣ ба миён омаданд. Дар ин шароити барои макотиби олӣ нав фаҳмиши зарурати идома додани таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи такмили таҳсилоти олӣ, бо мӯҳтавои маънавӣ пур кардани омодасозии омӯзгори макотиби олӣ муҳимият иқтибос кард.

Аз ин лиҳоз, дар диссертатсия ба масъалаи муҳими илми педагогикаи муосир - шароитҳои ташкилӣ - педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияи инноватсионии муосири таълим

дар фаъолияти касбӣ дар шароити таҳсилоти макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Рисола аз тарафи рисоланавис Ахмедова М.Ф. мустақилона дар натиҷаи омӯзиш ва иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда, таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён, муайян кардани имкониятҳои макотиби олӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим, коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи омодагии омӯзгорон ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим, амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ, омода карда шудааст.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки агар дар макотиби олӣ муҳити мутобиқшавӣ ба ҳавасмандии омӯзгорони макотиби олӣ барои омодагӣ мусоидат намояд, пас барои фаъолияти омилҳои дохилӣ ва берунии азхудкунӣ, малакаву маҳорат ҳосил кардан қолабҳои нави фаъолият шароит фароҳам карда мешавад. Шарти охирин барои раванди бомуваффақияти омодагӣ ҳалкунанда мебошад.

Диссертатсия бо талаботи банди 44-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 ба тасдиқ расидааст, комилан мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Рисолаи номбурда дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузошташуда бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Бо вуҷуди аз ҷиҳати илмию амалӣ хеле возҳ таълиф намудани диссертатсия баъзе норасоиҳое низ ба чашм мерасад, ки дар зер онҳоро зикр хоҳем кард:

1. Ба назари мо овардани баъзе таҷрибаи дигари макотиби олии кишвар барои муқоиса намудан ва муайян кардани камбудиҳои вуҷуддошта дар ҳалли муаммои таҳқиқшаванда мусоидат менамуд.
2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои китобат (ниг. ба саҳ.4, 15, 17, 28, 31, 32, 45, 48) ба назар мерасанд, бояд таҳрир карда шаванд
3. Хуб мешуд, ки дар қисмати назариявии кор (хусусан дар боби якум) таҳлили асарҳои олимони ватанӣ, ки ба мавзӯи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд, бештар дода мешуданд.
4. Азбаски дар мундариҷаи диссертатсия корҳои озмоишӣ – амалӣ дида мешаванд, хуб мешуд, ки намунаҳои корҳои иҷрокардаи донишҷӯён дар замимаҳо оварда шаванд, ки ин далели корҳои иҷрогардида мебошад.

Дар маҷмӯъ, эрод ва камбудиҳои ҷойдошта мазмуни илмӣ ва дастовардҳои муаллифи диссертатсияро кам намегардонад ва онҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Хулоса, тадқиқоте, ки Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна ба анҷом расонидааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз диди амалӣ барои пешбурдани раванди таҳсилот боз як кори тадқиқотии нав буда, дастовардҳои илмии ӯ барои корҳои минбаъдаи илмии дигар раҳнамои хуб хоҳад буд.

Тавре ки аз рӯйихати таълифоти Ахмедова М.Ф., бармеояд, доир ба мавзӯи тадқиқотӣ 1 дастури таълимӣ, 20 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз ин миқдор мақолаҳо 5 – тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷае расид, ки кори тадқиқотии Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна дар мавзӯи “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” тадқиқоти ба анҷомрасида буда, мақолаҳои чоп намудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзӯи диссертатсия мебошад.

Аз тарафи диссертант автореферат дар мутобиқат бо мундариҷаи таҳқиқот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегирад. Ба он натиҷаҳои илмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқат ба ихтисосҳои ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва психология мебошад.

Дар умум автореферат ва диссертатсияи Ахмедова М.Ф. ба талаботи Низомномаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва бо ба ҳисоб гирифтани пешниҳоди баёншуда ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Аз тарафи Ахмедова М.Ф. таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияти муаллиф эҳсос карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Тақриздиҳанда:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими технология
ва методикаи они МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Азизов А.А.

*Имзои А.А. Азизов -ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори РК ва КМ-и МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»* *Наврӯзов Э.*

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1.
Тел.(+992)927474115. Почтаи электронӣ: univer.81@mail.ru